# Соидании аз ҳад чандири силиконӣ-герметик PLITONIT PLITOSIL PREMIUM

PLITONIT Plitonit Deutsche Qualität

**ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ**




310 мл

- ✓ **100% силикон**
- ✓ **Барои биноҳои нам**
- ✓ **Ғавсии чок аз 5 то 30 мм**
- ✓ **Ба замбуруғ ва пӯпанак устувор**
- ✓ **Устувор ба УБ**

## ШАКЛДИГАРКУНӢ ТО 230%* БЕ ВАЙРОНШАВИҲО ВА ТАРҚИШҲО

Боргирии дастурамал дар забони дигар/
Download the manual in another language
kz | az | uz | tj | kg | tm | am | ge | mn

### Соҳаи татбиқкунӣ

| Намудҳои рӯйпӯшкунӣ | Деворҳо |
|---|---|
| Керамогранит | + |
| Лавҳаи керамикӣ | + |
| Санги табиӣ (устувор ба туршии сиркой) | + |
| Санги сунъӣ | + |
| Кошинкорӣ ва лавҳаи шаффоф | + |
| **Намудҳои асос** | **Деворҳо** |
| Керамика | + |
| Керамогранит | + |
| Шиша | + |
| Пластик | + |
| Эмал | + |
| Санг | + |
| Системаи фарши гарм | + |
| Бетон | - |
| Маҳлули сементӣ | - |
| Маводҳои битумдор | - |
| Филизҳои корродитсияшаванда (сурб, мис, рух, оҳан) | - |
| **Соҳаи корҳо** | **Деворҳо** |
| Барои офаридани пайвастагиҳои васлӣ дар биноҳо бо речаи намнокии баландшуда, ба монанди ҳуҷраҳои ванна, душхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, хушконашӯиҳо | + |
| Барои герметизатсияи чокҳои кунҷӣ ва компенсатсионӣ дар сохторҳои гирифтор ба шаклдигаркуниҳои механикӣ ва/ё ки термикӣ. | + |
| Барои соидани чокҳои байнилавҳавӣ дар сатҳҳои ба таъсири молиданӣ гирифтор набуда. | + |
| Барои ташкилкунии зичкуниҳо дар гирди ваннаҳо, ҳавзҳо, дастшӯякҳо ва таҷҳизоти дигари сантехникӣ | + |
| Барои герметизатсияи чокҳои сохторҳои тирезавӣ ва дарӣ дар ҷойҳои пайвастшавӣ бо маводҳои холигӣ; | + |
| Мутобиқат бо системаи фарши гарм (обӣ ва барқӣ)* | + |
| Герметизатсияи аквариумҳо | - |

* бо технологияи ҷобаҷокунии лавҳа дар ҳамҷоягӣ бо системаи "фарши гарм" дар сомонаи plitonit.ru шинос шудан мумкин аст

### Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| Ранг | Ба бандубаст ниг. |
| Асос | 100% силикон |
| Васеъгии тавсиядодашудаи чоки соидашаванда | 5-30 мм |
| Реҷаи ҳарорати татбиқкунӣ | аз +5°С то +40°С |
| Реҷаи ҳарорати истифодабарӣ | аз -40°С то +150°С |
| Зичӣ | 1,02 ± 0,03 г/см3 |
| Алоқа бо об, баъд аз | 24 соат |
| Дарозшавӣ то кандашавӣ | >230% |
| Сахтӣ аз рӯи Шор А (баъд аз 28 рӯз) | 16 -17 |
| Суръати сахтшавӣ | 2 мм/шабонарӯз |

### Омодакунии асос

| | |
|---|---|
| 1 | Асосеро, ки ба он молидани герметик талаб карда мешавад, аз ифлосӣ ва чанг тоза кардан, қисмҳои ҷудошударо нест кардан, беравған кардан ва хушконидан лозим аст. |
| 2 | Ҳангоми васеъгии чок 10 мм чуқурии он низ ҳамон қадар бояд бошад. Дар ҳолате, агар чок васеъгии то 20 мм дошта бошад, чуқурии он бояд на кам аз 10 мм бошад. Ҳангоми васеъгии чок беш аз 20 мм чуқурии он бояд ½ васеъии онро ташкил диҳад. |

### Тартиби иҷрои корҳо

| | |
|---|---|
| 1 | Нӯги картриҷро буред ва мулҳақаро тоб диҳед. |
| 2 | Биничаи мулҳақаро таҳти чоки пешбинишуда таҳти кунҷӣ 45˚ буред. |
| 3 | Картриҷро ба таппонча-дозатор гузоред ва чокро бо герметик баробар пур кунед. Бақияҳоро бо ёрии андоваи махсус нест кунед. |
| 4 | На дертар аз 25 дақиқа баъд аз молидан, чокро бо маҳлули махсуси собунӣ тар кунед ва онро молед. |
| 5 | Полимеризатсия таҳти намнокии атмосферӣ, ки сатҳи он бояд на камтар аз 50% бошад, ба амал меояд. |
| 6 | Бақияҳои полимергардидаи герметикро аз сатҳ бо усули механикӣ нест кунед. |

### Шартҳои гузаронидани корҳо

Ҳангоми гузаронидани корҳо ва дар давоми 3 шабонарӯзи баъдина, ҳарорати ҳаво, асос ва лавҳа бояд дар ҳудуди аз +5°С то +30°С бошад. Дар ҳолате, агар мавод ях кунонида шуда бошад, ба истифодабарии он на пештар аз нигоҳдорӣ дар давоми 24 соат дар ҳарорати хона аз +10°С то +25°С иҷозат дода мешавад. Гармкунӣ бо мақсади пештар аз ях фаровардан иҷозат дода намешавад.

### Диққат

Пойдории пайвастагии чандири насбшуда аз иҷроиши дурусти корҳо вобаста аст. Герметики полимершуда чандириро ҳангоми алоқа бо канорҳои чок, бе алоқа бо асос нигоҳ медорад! Барои пешгирии расидани герметики молидашаванда бо асос ба чок пешакӣ ноқили стандартиро аз пенополиэтилени кафккунонидашуда, бо ин ҷудо кардани асос аз қабати герметик гузоштан лозим аст. Герметики силиконӣ ба маводи ноқил адгезия надорад, ки мавҷудияти 2 ҷониби алоқаи адгезионии талабкардашавандаро таъмин мекунад.
Пеш аз татбиқ бо санги табиӣ мутобиқати маводҳоро дар қитъаи санҷишӣ санҷидан лозим аст. Ба алоқаи герметик бо бетонҳои ҳамаи намудҳо, маҳлулҳои сементӣ, латун, мис, рух, сурб ва маводҳои битумдор роҳ надиҳед.
Барои герметизатсияи чокҳои аквариумҳо мутобиқат надорад. Барои алоқа бо маҳсулоти хӯрока таъин нашудааст. Барои часпонидани шишаҳо таъин нагардидааст.

### Чораҳои эҳтиёт

**ЭҲТИЁТ БОГЕД**

| |
|---|
| **Ҳангоми фурӯбарӣ хатарнок** |
| **Ҳангоми кор аз дастпӯшак, либоси махсус, васоити ҳифзи чашм истифода баред.** |
| **Баъд аз кор дастон, рӯйро бодиққат шӯед.** |
| **Ҳангоми истифодабарии маҳсулот тамоку накашед, хӯрок нахӯред.** |
| **Танҳо дар ҳавои кушод ё ки дар бинои ҳавояш хуб тозашаванда истифода баред.** |
| **ҲАНГОМИ БА ПӮСТ АФТИДАН бо миқдори зиёди об шӯед, агар барангезиш нагузарад, ба ёрии тиббӣ муроҷиат кунед.** |
| **ҲАНГОМИ БА ЧАШМ АФТИДАН: Бодиққат бо об дар давоми якчанд дақиқа шӯед. Линзаҳои контактиро гиред, агар онҳо истифода баред, ва, агар инро бо осонӣ кардан мумкин бошад ва шустани чашмро давом диҳед. Агар барангезиши чашмон нагузарад, ба ёрии тиббӣ муроҷиат кунед.** |
| **АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!** |

### Таркиб

Каучуки моеъи силиконӣ, агенти вулканизатсиякунанда

### Ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ

Дар воситаҳои нақлиёти пӯшидани таъминкунандаи муҳофиза аз таъсирҳои механикӣ кашонида шавад. Дар бандубасти пӯшидани истеҳсолкунанда дар биноҳои амборӣ дар шароити истиснокунандаи афтидани ашёҳои бегона ва боришоти атмосферӣ ба герметик нигоҳ дошта шавад. Дар ҳарорати аз +5°С то +25°С ҳамлу нақл кунед ва нигоҳ доред. Маҳсулот дар ҳарорати манфии ҳаво кашонида шуда метавонад. Ба яхкунонии на беш аз 5 давра дар ҳарорати -35°С роҳ дода мешавад. Мӯҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 15 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

### Кафолати истеҳсолкунанда

Истеҳсолкунанда мутобиқати герметикро ба талаботи ISO 11600 (дараҷи F&G – 25 LM) ҳангоми риояи шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад.
Фарқият аз вазни холис тибқи СтД 8.579-2002. Маҳсулот барои истифода дар ҳамаи намудҳои сохтмон иҷозат дода шудааст (Аэфф<370 Бк/кг, аз рӯи НРБ-99/2009 СанПиН 2.6.1.2523–09).

### Хароҷоти мавод

310 мл ба 12 м. тасма бо диаметри 5 мм


**ХАДАМОТИ ДАСТГИРИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**

8 (800) 555 - 71 - 67

www.plitonit.ru

e-mail: info@mc-bauchemie.ru